Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451

Мутобиқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Ба банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» баъд аз ҷумлаи якум ҷумлаи нав ба мазмуни зайл илова карда шавад: «Пардохти андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ҳафт моҳ муқаррар карда шавад.».

2. Ба Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зайл ворид карда шавад:

- дар банди 16 калимаҳои «таҳрир гаштани» ба калимаҳои «татбиқ намудани» иваз карда шавад;

- дар банди 18 калимаҳои «ҳолати пешниҳод гардидани» ба калимаи «асоси» иваз карда шавад;

- дар ҷумлаи дуюми банди 23 баъд аз калимаи «фаъолияткунанда» калимаҳои «бо назардошти татбиқи коэффитсиентҳои минтақавӣ» илова карда шавад;

- дар зербанди «б» банди 28 калимаи «воридоти» ба калимаҳои «воридот ва содироти» иваз, зербанди «е» хориҷ, аз зербанди «ж» калимаҳои «ва хизматрасониҳои варзишӣ» хориҷ карда, тартиби ҳарфгузориҳо аз «а» то «ж» дониста шавад.

3. Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент, ки бо замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тасдиқ шудааст, тибқи замима дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад.

4. Дар банди 5 Коэффитсиентҳои минтакавӣ, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар қаламрави шаҳру ноҳияҳо танзим менамояд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тасдиқ шудааст, калимаи «Табошар» ба калимаи «Истиқлол» иваз карда шавад.

5. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат дода шавад, ки аз соли 2014 сар карда бо дарназардошти сатҳи таваррум андозаҳои пардохт барои патентро индексатсия намуда, муқаррар кунанд ва тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба қайди давлатӣ гиранд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замима
бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз соли 2013, №361
тасдиқ карда шудааст

Номгӯи
намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Намуди фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| | Фурӯши молҳои ниёзи мардум | | | |
| 1. | Фурӯши яхмос, маҳсулоти қаннодӣ, асал, ҳама гуна шириниҳо, самбӯса, биринҷ ва меваи хушк | 90 | 45 | 135 |
| 2. | Фурӯши мева, аз ҷумла ситрусӣ, инчунин тарбуз, харбуза ва каду | 70 | 35 | 105 |
| 3. | Фурӯши сабзавоти тару тоза, турушонидашуда, маҳсулоти ширӣ, тухм, гиёҳҳои худрӯи шифобахш, донаи офтобпараст ва зира | 50 | 25 | 75 |
| 4. | Фурӯши нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, квас, оби газнок, дӯғоб, чой ва ғӯлингоб | 60 | 30 | 90 |
| 5. | Фурӯши нос | 160 | 80 | 240 |
| 6. | Фурӯши ғайристатсионарии нон, кулча ва маҳсулоти нонӣ, фурӯши патароқи ҷуворимакка ва биринҷ | 40 | 20 | 60 |
| 7. | Фурӯши равған, моҳӣ (дар ҳама намуд), парранда ва ҳайвоноти хонагӣ, хӯрока ва қафасҳо барои онҳо, лавозимоти моҳигирӣ | 60 | 30 | 90 |
| 8. | Фурӯши қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти барқӣ дар растаҳо | 120 | 80 | 200 |
| 9. | Фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти хӯрока дар растаҳо, аз ҷумла: | | | |
| | - дар растаи то 1 м | 40 | 20 | 60 |
| | - дар растаи зиёда аз 1м то 2 м | 80 | 40 | 120 |
| | - дар растаи зиёда аз 2м то 3м | 120 | 60 | 180 |
| | - дар растаи зиёда аз 3м то 4 м | 140 | 70 | 210 |
| | - дар растаи зиёда аз 4 м, вале на зиёда аз 20 м (барои ҳар 1 м зиёда аз | 20 | 10 | 30 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 4 м) | | | |
| 10. | Фурӯши молҳои омехта дар нуктаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарии то 8 м$^2$ (бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуктаҳои савдо): | | | |
| | - шаҳри Душанбе | 200 | 100 | 300 |
| | - шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб | 160 | 80 | 240 |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо | 100 | 50 | 150 |
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо | 80 | 40 | 120 |
| 11. | Фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои бадеии халқӣ, маҳсулоти бофташуда (пашмӣ, намадӣ, пахтагӣ, абрешимӣ), гулдӯзӣ, зардӯзӣ, сандуқсозӣ, гаҳворасозӣ, зарфҳои чӯбини миллӣ ва маҳсулоти ба онҳо монанд, маҳсулоти кулолӣ, танӯрсозӣ, асбобҳои мусиқӣ, сарпӯш ва маҳсулоти мӯина | 60 | 30 | 90 |
| 12. | Фурӯши маҳсулоти канселярӣ ва бозичаҳои кӯдакона, фурӯши рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, тақвимҳо ва китобҳо дар кӯча, фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда | 60 | 30 | 90 |
| 13. | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ:<br>- дар растаи то 2 м | 60 | 30 | 90 |
| | - дар растаи аз 2 м то 4 м | 80 | 40 | 120 |
| 14. | Фурӯши ангишт ва ҳезум (ғайристатсионарӣ) | 60 | 30 | 90 |
| 15. | Омода кардан ва (ё) фурӯши таомҳо бе ҷои нишаст ва берун аз биноҳои статсионарӣ | 40 | 20 | 60 |
| 16. | Фурӯши гулҳои тару тоза | 160 | 80 | 240 |
| 17. | Фурӯши маҳсулот аз пластмасса, гулҳои сунъӣ, маҳсулот аз полиэтилен ва коғаз | 50 | 25 | 75 |
| | Хизматрасонии нақлиётӣ | | | |
| 18. | Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав | 60 | 30 | 90 |
| 19. | Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо | 100 | 50 | 150 |
| 20. | Кашонидани мусофирон ба воситаи автобусҳо | 80 | 40 | 120 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 21. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 3 тонна ва эвакуаторҳо | 80 | 40 | 120 |
| 22. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобили борбардориаш аз 3 то 5 тонна | 100 | 50 | 150 |
| 23. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 20 тонна | 160 | 80 | 240 |
| 24. | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз 20 тонна | 500 | 100 | 600 |
| 25. | Кашонидани маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ, семент ва бетон ба воситаи нақлиёти махсусгардонидашуда | 200 | 100 | 300 |
| 26. | Кашонидани борҳо бо трактор | 40 | 20 | 60 |
| 27. | Кашонидани борҳо ба воситаи мотороллерҳо | 24 | 12 | 36 |
| | Дигар намуди хизматрасонӣ | | | |
| 28. | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ | 100 | 50 | 150 |
| 29. | Кӯфтан ва ҷамъоварии зироатҳои ғалладона бо техникаи кишоварзӣ ва хизматрасониҳои осиёбӣ | 60 | 30 | 90 |
| 30. | Сурудхонӣ дар ҷашну маъракаҳо | 440 | 100 | 540 |
| 31. | Ба иҷора додани либоси тӯёна (ба истиснои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб) | 360 | 80 | 440 |
| 32. | Навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо | 80 | 40 | 120 |
| 33. | Истифодаи таҷҳизоти радио, телевизион ва таҷҳизоти дигар барои ороишоти макони баргузории ҷашну маъракаҳо | 120 | 60 | 180 |
| 34. | Банаворгирии ҷашну маъракаҳо ва истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ | 60 | 30 | 90 |
| 35. | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, суратгирии берун аз бино, фаъолияти дӯзандагӣ, косметикӣ, сартарошӣ, хизматрасониҳои таълимӣ-репетиторӣ. Баркдиҳии аккумуляторҳо, дӯхтани ҷилдҳо барои воситаҳои нақлиёт | 80 | 40 | 120 |
| 36. | Таъмир, вулканизатсия ва | 160 | 80 | 240 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | шустушӯи воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои махсусгардонидашуда, нусхагирӣ, таъмири асбобҳои мусиқӣ, корҳои оҳангарии асбобҳои рузғор (ба истиснои истеҳсоли дарвоза, тиреза ва панҷара) | | | |
| 37. | Чаронидани чорво | 30 | 15 | 45 |
| 38. | Таъмир ва тоза намудани пойафзол берун аз бинои статсионарӣ, хизмати миёнаравӣ дар бозор (даллолӣ), бахия кардани маҳсулоти қолинӣ, хизматрасонии тарозу, тез кардани корду асбобҳо, телефони кӯчагӣ, тайёр намудани калидҳо | 40 | 20 | 60 |
| 39. | Хизматрасонӣ оид ба иҷрои корҳо дар хонаҳо. Нигоҳубини пиронсолон, беморон ва кӯдакон | 30 | 15 | 45 |
| 40. | Муқовакунии ҳуҷҷатҳо | 40 | 20 | 60 |
| 41. | Хизматрасонии боркашонҳо дар фурудгоҳи ҳавоӣ, истгоҳи роҳи оҳан ва терминал | 32 | 16 | 48 |
| 42. | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок (пулакӣ) | 120 | 60 | 180 |
| 43. | Хизматрасонӣ оид ба мубодилаи асъор дар нуқтаҳои махсусгардонидашудаи статсионарӣ | 350 | 100 | 450 |
| 44. | Хизматрасонии экскаватор ва кранҳои борбардор | 200 | 100 | 300 |
| 45. | Таъмири маҳсулоти ҷавоҳирот | 120 | 60 | 180 |
| 46. | Корҳои ҳаккокӣ, кандакорӣ, таъмири соат, телефон, зарф ва техникаи маишӣ | 60 | 30 | 90 |
| 47. | Корҳои сохтмонию таъмирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ | 80 | 40 | 120 |
| 48. | Фаъолияти байторӣ | 80 | 40 | 120 |
| 49. | Омӯзиши ҳунарҳои миллӣ (дӯзандагӣ, бофандагӣ, риштабофӣ, газворбофӣ, дуредгарӣ, кандакорӣ, рассомӣ, рангуборкунӣ, наққошӣ) | 60 | 30 | 90 |

Эзоҳ: Ба намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки дар Номгӯй дарҷ нагардидаанд, шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад, ба истиснои:

- дар банди 10 Номгӯй бо хоҳиши соҳибкори инфиродӣ дар нуқтаи статсионарии савдо то 20 м² ба ивази патент шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад. Дар ҳолати зиёд шудани майдони савдо аз 8 м² то 20 м² барои ҳар як метри квадратии зиёдатӣ андоз аз даромад 30

сомонӣ ва андози иҷтимоӣ 15 сомонӣ, ҷамъ 45 сомонӣ иловатан пардохта мешавад;

- дар банди 13 Номгӯй дар ҳолати аз 4 м зиёд гардидани растаи савдо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ дода мешавад.

# Асосноккунии

## таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» бо назардошти супориши Ҷанобӣ Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон аз 4 майи соли 2013, №60497 бо мақсади такмил намудани қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» таҳия шудааст.

Таҳлилҳои иқтисодӣ, вохӯриҳо бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, рафти татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 ва муроҷиату дархостҳои андозсупорандагон аз он шаҳодат медиҳанд, ки як қисмати соҳибкорони инфиродӣ барои пешбурди ҳисобу китоб тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ ҳоло ҳам дониши зарурии муҳосибӣ надоранд, аз рӯи намудҳои фаъолият барои бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ, ё дар дигар ҳолатҳо барои дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намудан пурра омода намебошанд ва бинобар ҳамин, дар ҳолатҳои алоҳида дар асоси патент ба роҳ мондани фаъолияти онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» тағйироту иловаҳои зерин пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

1. Тағйироти банди 3 қарор бо мақсади барқарор намудани имтиёзҳои андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти кишоварзиро дар заминҳои лалмӣ анҷом медиҳанд, пешбинӣ гардида, барои дастгирии заминистифодабарандагон мебошад.
2. Таклифҳо ба бандҳои 1 ва 10-и қоида баҳри ҳимояи соҳибкорони инфиродии ватанӣ ва таъмини фаъолияти онҳо таҳия шуда, пешбинӣ менамояд, ки фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони

хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар шакли шахси ҳуқуқӣ анҷом дода шавад.

Тартиби соддакардашудаи андозбандӣ дар асоси патент пеш аз ҳама барои соҳибкории хурд, ки аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровварда мешавад, бо мақсади кам кардани сатҳи камбизоатӣ, ба миён овардани ҷойҳои нави корӣ, барои ба зинаи баландтари соҳибкорӣ омода намудани онҳо, пешбинӣ шуда буд. Шаҳрвандони хориҷӣ бошад, аз тартиби соддакардашудаи андозбандӣ бо патент сӯистифода намуда, муомилоти бениҳоят калон дошта бошанд ҳам, дар асоси патент маблағи ночизеро пардохт намуда, аз гузаштан ба шакли дигари соҳибкорӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ худдорӣ менамоянд, ки дар асл маънои канораҷӯӣ кардан аз андозбандиро дорад. Бинобар ҳамин, шумораи шаҳрвандони хориҷии дар ҷумҳурӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент ва ё шаҳодатнома машғулбуда давра ба давра зиёд гардида, онҳо рақобатпазирии соҳибкорони ватаниро бисёр маҳдуд намуда истодаанд. Дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намудани шаҳрвандони хориҷӣ, масъулияти онҳоро ҷиҳати риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла пешбурди муҳосибот баланд намуда, имкон медиҳад, даромади воқеии онҳо ба андозбандӣ ҷалб карда шавад.

3. Пешниҳодот ба бандҳои 18, 23 ва 28 Қоидаҳо барои дастгирии соҳибкории инфиродӣ дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда таҳия шудааст.

4. Тағйирот ба бандҳои 8, 9, 10, 11, 12, 21-24, 27, 28, 34, 35, 38, 40, 45, 47, 48 ва 49 Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент амаликардашаванда барои дастгирии соҳибкорони инфиродӣ ва кам кардани гаронии андоз нисбати онҳо таҳия шудаанд.

5. Тағйироти дигар бо мақсади аниқ намудани муқаррароти Қоидаҳои мазкур ва ташкили дурусти андозбандии соҳибкорони инфиродӣ равона карда шудааст.

Қабули лоиҳаи мазкур имконият медиҳад, ки маъмурикунонии андозбандии соҳибкорони инфиродӣ беҳтар гардида, дахолати мақомоти андоз ба фаъолияти онҳо маҳдуд гардад.

Дар ҳолати қабули лоиҳаи мазкур барои татбиқи он зарурати маблағгузории иловагӣ аз буҷети давлатӣ вуҷуд надорад.

Маълумотнома
ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451»

Лоиҳаи қарори мазкур бо мақсади такмил додани Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Наҷмиддинов С.М.) таҳия ва пешниҳод гардида, бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ш.Раҳимзода), Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Менглиев Р.Ш.), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Саидов Д.Ш.) ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Солеҳов А.М.) мувофиқа карда шудааст.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамоянд, ки таҳлилҳои иқтисодӣ, вохӯриҳо бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон рафти татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451, инчунин муроҷиату дархостҳои андозсупорандагон нишон дод, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур ба миён омадааст.

Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки барои дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба банди 3 қарор илова карда шавад, ки пардохти андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ҳафт моҳ муқаррар карда шавад.

Дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, тағйиротҳо ворид карда шуданд, аз ҷумла вобаста ба аниқ намудани объекти андоз ҳангоми фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти кишоварзӣ (бандҳои 9 ва 13), аз 105 то 90 сомонӣ кам кардани маблағи пардохт барои патент барои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои халқӣ (сандуқҳо, гаҳвораҳо, зарфҳои чӯбин ва ғайраҳо) (банди 11), зиёд намудани намудҳои фаъолияте, ки дар асоси патент иҷозат дода шудааст, аз ҷумла фурӯши газетаю маҷалаҳо (банди 12), фаъолияти дӯзандагӣ, сартарошӣ, таълимӣ репититорӣ (банди 34), таъмир, вулканизатсия (банди 35), фаъолияти байторӣ ва фаъолияти омӯзишӣ (бандҳои 47 ва 48). Инчунин дар бандҳои 24, 30 ва 42 пардохт барои андози иҷтимоӣ аз 150 сомонӣ то 100

сомонӣ кам карда шудааст, ки ба фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунад, таъсири мусбӣ мерасонад.

Тағйирот ба бандҳои дигари Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент амалишаванда барои дастгирии соҳибкорони инфиродӣ таҳия шудааст.

Шӯъбаи молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ гардонидан бо қонунҳои амалкунанда ва бо дарназардошти эроди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Худоёров Б.Т. аз банди 2 лоиҳаи қарори мазкур зербанди 1 (аломат ва калимаҳои «, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ») ва зербанди 2 (аз банди 10 аломат ва калимаҳои «барои шахси воқеӣ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ дар моҳи тақвимӣ то охири соли тақвимӣ дар раводид ё дигар ҳуҷҷатҳои муқарраршуда дарҷгардида») пурра хориҷ карда шудааст.

Баъд аз муҳокима дар Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таклифҳои пешниҳодшуда бо иштирок ва мувофиқаи мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродов Д.Ҳ., муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимов Р.А., муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоева Н.А., муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷабборов Р.Т. тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудаанд: аз банди 30 Номгӯй фаъолият оид ба иҷора додани либоси тӯёна бароварда шуда, ҳамчун банди алоҳида бо меъёрҳои нисбатан пасттар илова карда шуд, инчунин сархати охирини эзоҳ хориҷ гардида, сархати иловагӣ доир ба индексатсиякунонии маблағи патент аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуд.

Лоиҳаи қарори мазкурро шӯъбаи молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов М.С., Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмиддинов С.М., шӯъбаҳои ҳуқуқ (Муродов Д.Ҳ.) ва тарҷумаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Мирзоева Ф.Р.) мувофиқа намудааст.

Барои баррасӣ ба маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Шӯъбаи молияи
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон